“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”
Ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор ______ Раҳмон Д.С.
«_27_» ________ соли 2024

**ХУЛОСАИ**

кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба диссертатсияи Шарипов Раҳмоналӣ Саидакбарович дар мавзуи «Хусусиятҳои рушди фарҳанги иҷтимоишавии ҷавонон зимни истифодаи воситаҳои техникӣ ва шабакаи интернетӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ)

Шарипов Раҳмоналӣ Саидакбарович соли 1985 дар ноҳияи Восеъ таваллуд шудааст. Солҳои 2007 факултети математикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро бо ихтисоси омӯзгори математика-информатика хатм кардааст (диплом ДТО №0066954). Солҳои 2007-2008 ҳамчун омӯзгори фанни информатикаи Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №7-уми ноҳияи Нуробод фаъолияти педагогии худро оғоз кардааст. Аз соли 2009 ба ҳайси ассистенти кафедраи риёзӣ-табиатшиносӣ, баъдан мудири шуъбаи илм, сардори бахши идоракунии сифати таҳсилот, декани факултети табиатшиносӣ, сардори маркази низоми кредитии таҳсилот ва тестии Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ фаъолият кардааст.

Дар давоми омадасозии диссертатсия Шарипов Раҳмоналӣ Саидакбарович унвонҷӯйи кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ буда, ҳамзамон ба ҳайси муаллими калони кафедраи математика-информатикаи Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ фаъолият намуда истодааст.

Имтиҳонҳои ҳадди ақали номзадиро бо баҳоҳои зерин супоридааст:

- Таърих ва фалсафаи илм –“4”(хуб) – 14.06.2019.
- Забони хориҷӣ (англисӣ) –“4”(хуб) - 04.02.2022.

Ихтисос: 13.00.05 - Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ, ( 13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) –“5” (аъло) – 08.12.2023.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ тахти №806 аз 13.05.2024 аз ҷониби Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон дода шудааст.

Роҳбари илмӣ: Ҷумъахон Алимӣ - доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Корманди шоистаи Тоҷикистон.

Диссертатсияи Шарипов Раҳмоналӣ Саидакбарович дар кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ тахия гардида, ба омӯзиши яке аз масъалаҳои муҳимми педагогикаи муосир – хусусиятҳои рушди фарҳанги иҷтимоишавии ҷавонон зимни истифодаи воситаҳои техникӣ ва шабакаи интернетӣ равона гардидааст.

Рисолаи мазкурро муқарризони холис Мирзоев С.С. – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи биология ва методикаи таълими Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ; Иззатова М.И. – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи таҳсилоти томактабӣ ва кори иҷтимоии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ; Иброҳимов Г. – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ мавриди таҳлилу омӯзиш қарор дода, хулоса пешниҳод намуданд.

Дар баромади худ Мирзоев С.С. – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи биология ва методикаи таълими Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар бораи мубрамии мавзуи таҳқиқот сухан ронда, қайд намуд, ки ҷомеаи иттилоотиро метавон ҳамчун як марҳилаи ташаккули тамаддуни муосир баррасӣ кард, ки ба он нақши афзояндаи дониш, технологияҳои коркарди иттилоот, афзоиши шумораи одамони дар соҳаи иттилоот коркунанда, афзоиши ҳиссаи маҳсулот ва хизматрасониҳои иттилоотӣ хос мебошад. Ҳамзамон, интернет тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаро, аз ҷумла, раванди таълимро сифатан тағйир медиҳад. Тааҷҷубовар нест, ки интернет имконоти иртиботро ба таври назаррас афзоиш медиҳад ва корбаронро барои иштироки фаъолона дар онҳо таъмин менамояд, барои бисёр муҳаққиқон падидаи даврони мо рамзи аслии он мегардад.

**Мақсади таҳқиқот:** муайянсозӣ ва аз ҷиҳати озмоишӣ асоснок намудани шароити педагогии ташаккул ва рушди фарҳанги иҷтимоишавии ҷавонон зимни истифодаи воситаҳои техникӣ ва шабакаи интернетӣ.

**Вазифаҳои таҳқиқот:**

1. Мафҳумҳои «фарҳанг» ва «интернет»-ро дар робита бо мавзуъ таҳлил кардан, интернетро ҳамчун падидаи фарҳангӣ омӯхтан ва хусусиятҳои фазои нави фарҳанги иттилоотиро муайян кардан;
2. Мазмун ва мафҳуми «фарҳанги интернетии ҷавонон»-ро муайян кардан;
3. Муайян намудани меъёрҳо, нишондиҳандаҳо, тавсифи сатҳи рушди фарҳанги иҷтимоишавии ҷавонон зимни истифодаи воситаҳои техникӣ ва шабакаи интернетӣ;
4. Муайянсозӣ ва аз ҷиҳати назариявӣ асоснок кардани шароити педагогии ташаккули фарҳанги иҷтимоишавии ҷавонон;
5. Тасдиқи самаранокии шароити педагогӣ барои ташаккули фарҳанги интернетии ҷавонони таълимгиранда;
6. Муайян кардани хусусиятҳои асосии Интернет дар муошироти фарҳангӣ.

**Навгонии илмии таҳқиқот:**

– моҳият ва мундариҷаи мафҳуми «фарҳанги интернетии ҷавонон» бо назардошти хусусиятҳои инфиродӣ ва синнусолии онҳо муайян карда шуд, ҷузъҳои он (иттилоотӣ, иртиботӣ (коммуникативӣ), меъёрӣ-рафторӣ) муайян ва асоснок карда шуданд;

– меъёрҳо ва нишондиҳандаҳо муқаррар гаштанд: меъёри ангезавӣ-арзишмандӣ (ангезаҳои фаъолияти иттилоотӣ, муносибати арзишмандона ба фаъолияти иттилоотӣ, ангезаҳои фаъолияти иртиботӣ, муносибати арзишмандона ба фаъолияти иртиботӣ-муоширатӣ, ангезаҳои риояи меъёрҳо ва қоидаҳои фаъолияти муассири иттилоотию иртиботӣ, муносибат ба меъёрҳо ва қоидаҳо нисбати фаъолияти самарабахши иттилоотӣ ва иртиботӣ дар интернет);

– меъёри маърифатӣ (дониш дар бораи имконот ва механизмҳои фаъолияти иттилоотӣ, донишу маълумот дар бораи имконот ва механизмҳои ҳамкорӣ, дониш дар бораи меъёру қоидаҳои фаъолияти иттилоотӣ ва иртиботӣ дар интернет);

– меъёри абзорӣ-фаъолиятӣ (донистани методҳо ва воситаҳои фаъолияти иттилоотӣ, донистани усулҳо ва воситаҳои фаъолияти иртиботӣ, мутобиқати фаъолияти иттилоотӣ ва иртиботӣ, бо меъёрҳо ва қоидаҳои ҳамкориҳои самарабахши иҷтимоӣ дар интернет);

– нишондиҳандаҳо: мутобиқатӣ (паст), маҳсулнокӣ (миёна), эҷодӣ (баланд) нисбати ташаккули фарҳанги иҷтимоишавии ҷавонон;

– барномаи модулии «Асосҳои фарҳанги иҷтимоишавии ҷавонон зимни истифодаи воситаҳои техникӣ ва шабакаи интернет» ҷорӣ карда шуд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** дар он зоҳир мешавад, ки дар заминаи омӯхтан, таҳлил намудани таҳқиқотҳои илмии олимони хориҷию ватанӣ, заминаҳои назариявию амалӣ, таҷрибаи муассисаҳои таҳсилотии дигар имкони рушду афзоиши фарҳанги иҷтимоишавии ҷавонон зимни истифодаи воситаҳои техникӣ ва шабакаи интернетиро муайян ва асоснок кард: бо ташкилу гузаронидани корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ аҳамияти истифодаи дурусти интернетро дар таъмини муҳити таълимӣ ва самаранокии онро муқаррар намуд.

Тибқи мазмуну мундариҷа рисолаи илмӣ ба унвонҷӯ саволҳо пешниҳод гардида, ҷавобҳои мушаххас ва дуруст дода шуд.

Сипас, муқарризони холис Мирзоев С. – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи биология ва методикаи таълими Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ; Иззатова М. – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи таҳсилоти томактабӣ ва кори иҷтимоии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ; Иброҳимов Г. – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ оид ба мазмуну муҳтавои диссертатсия ва саҳми унвонҷӯ баромад ва қайд намуданд, ки саҳми шахсии унвонҷӯ дар он зуҳур меёбад, ки мавсуф масъалаи таҳқиқоти диссертасиониро ҳаматарафа таҳлилу баррасӣ карда, таҳқиқоти назариявӣ ва озмоиширо дуруст ба роҳ мондааст, маводи таҳқиқотро таҳлили микдорӣ ва сифатӣ карда, маҷмӯи роҳу усулҳоро вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мавриди истифода қарор додааст, дар заминаи таҳқиқоти озмоишӣ муқарраpоти кори илмиро аз ҷиҳати амалӣ аз тариқи баргузории корҳои озмоишӣ тасвибу тасдиқ кардааст.

Ҳамин тариқ, бо назардошти муҳокима ва хулосаи муқарризони холис оид ба омӯзиши дараҷаи коркарди масъалаи мазкур бармеояд, ки диссертатсияи Шарипов Раҳмоналӣ Саидакбарович дар мавзуи «Хусусиятҳои рушди фарҳанги иҷтимоишавии ҷавонон зимни истифодаи воситаҳои техникӣ ва шабакаи интернетӣ» кори илмии мустақилона баанҷомрасида буда, дар он муаллиф ба ҳалли вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташуда ноил шудааст.

Натиҷаи корҳои озмоишӣ дар анҷоми ҳар як марҳила таҳлилу ҷамъбаст гардида, мақолаҳои зерин дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чопнамудаи унвонҷӯй мазмуни рисоларо фаро мегирад.

[1-М]. Шарипов, Р.С. Бархӯрдҳои назариявӣ нисбати фарҳанги интернетии донишҷӯён дар таълифоту таҳқиқоти муосир / Р.С. Шарипов [Матн] // Паёми ДМТ (ISSN 2074-1847), 2021. - №7. – С.229-234.

[2-М]. Шарипов, Р.С. Ҷанбаи иҷтимоӣ-педагогии ташаккул ва рушди фарҳангии инсон / Р.С. Шарипов [Матн] // Паёми ДМТ (ISSN 2074-1847), 2022. - №1. – С.234-243.

[3-М]. Шарипов, Р.С. Шароитҳои педагогии ташаккули фарҳанги интернетии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ / Р.С. Шарипов [Матн] // Паёми ДМТ (ISSN 2074-1847), 2022. - №3. – С.256-267.

[4-М]. Шарипов, Р.С. Фарҳанги интернетӣ – падидаю зуҳуроти иҷтимоӣ / Р.С. Шарипов [Матн] // Паёми ДДОТ (ISSN 2708-5759), 2021. - №3 (7).

[5-М]. Шарипов, Р.С. Интернет ва таҳаввулоти фарҳангӣ дар асри рақамӣ / Ҷ. Алимӣ, Р.С. Шарипов [Матн] // Паёми ДДОТ (ISSN 2708-5759), 2021. - №3-4 (7-8). – С.23-27.

[6-М]. Шарипов, Р.С. Рушди фарҳанги интернетии донишҷӯёни коллеҷҳо /Р.С. Шарипов (монография)// Душанбе: “Матбаа”,2020.-120 с.

[7-М]. Шарипов, Р.С. Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва шароитҳои педагогии ташаккули фарҳанги интернетии донишҷӯён / Р.С. Шарипов [Матн] // Фурӯғи илм (маҷаллаи илмӣ). Нашри махсуси маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҳайати омӯзгорон ва донишҷӯён оид ба натиҷагирии корҳои илмӣ-таҳқиқотии соли таҳсили 2021-2022, 2022. - №1. – С.141-145.

[8-М]. Шарипов Р.С. Хусусиятҳои психологии истифодаи воситаҳои техникӣ дар раванди таълими муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ / Р.С. Шарипов [Матн] // Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар мавзуи “Усулҳои таълими инноватсионӣ ҳамчун воситаи рушди зеҳнии хонандагону донишҷӯён”. Душанбе. 2023. – С.93-96.

[9-М]. Шарипов Р.С. Мушкилоти педагогӣ-психологии истифодаи Интернет дар раванди таълими муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ / Р.С. Шарипов [Матн] // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ

(IV-солона) “Масъалаҳои мубрами таҳсилот ва тибби муосир” бахшида ба солҳои 2020-2040 –“Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” ва 70-солагии МДТ “Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб ба номи Раҳмонзода Раҳматулло Азиз”. Кӯлоб, 2023. - С.258-262.

Дар маҷмуъ, мазмун ва мундариҷаи таҳқиқот, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) мувофиқат менамояд.

Диссертатсия аз рӯйи натиҷаи назариявӣ, хулосаҳои илмӣ, тавсияҳои амалӣ ва сатҳу сифати таҳияи худ ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ арзёбӣ мегардад.

Бо назардошти хулосаҳои муқарризон ва муҳокимаи диссертатсия ҷаласаи кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи унвонҷӯйи кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳӣ Шарипов Раҳмоналӣ Саидакбарович дар мавзуи «Хусусиятҳои рушди фарҳанги иҷтимоишавии ҷавонон зимни истифодаи воситаҳои техникӣ ва шабакаи интернетӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) кори мустақилона ва бaанҷомрасида ҳисоб карда шавад.
2. Диссертатсияи илмии Шарипов Раҳмоналӣ Саидакбарович дар мавзуи «Хусусиятҳои рушди фарҳанги иҷтимоишавии ҷавонон зимни истифодаи воситаҳои техникӣ ва шабакаи интернетӣ» ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03- Педагогики иҷтимоӣ ва худшиносӣ) ҷавобгӯ аст.
3. Диссертатсияи Шарипов Раҳмоналӣ Саидакбарович дар мавзуи «Хусусиятҳои рушди фарҳанги иҷтимоишавии ҷавонон зимни истифодаи воситаҳои техникӣ ва шабакаи интернетӣ» барои ҳимоя тавсия гардида, ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-030-и назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи васеи кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз 27-уми сентябри соли 2024, суратҷаласаи №2 қабул гардидааст.

Дар ҷаласа 18 нафар иштирок намуданд. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор» - 18 нафар, «муқобил» - нест, «бетараф» - нест.

Раиси ҷаласа, мудири кафедраи педагогикаи умумдонишгоҳии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Назаров Ҳ.С.

Котиби ҷаласа, саромӯзгори кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Расулова Н.

Имзои Назаров Ҳ.С. ва Расулова Н. – ро тасдиқ менамоям.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Амиров Ф.А.

**Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров, 16, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.
**Маълумот барои тамос:** Телефон: (+992 33 22) 2-35-06, E-mail: info@kgu.tj